**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 55/2с

аз «30» 03 соли 2023

Хадамоти гумруки
назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Тартиби ихтиёрдорӣ намудани молу воситаҳои нақлиёти таҳти назорати гумрукӣ қарордошта” ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор лоиҳаи зикршуда ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, Маркази миллии қонунгузорӣ хулосаи зеринро пешниҳод менамояд:

1. Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда – Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя гардидааст.

2. Дар бандҳои 22 ва 23 лоиҳа уҳдадориҳо барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба таъмин намудани пардохти боҷҳои гумрукии воридотӣ ва андоз нисбати молҳои хориҷӣ, ки ба нигоҳдорӣ ва фуруши онҳо, аз ҷумла, хароҷоти экспертиза ва нархгузорӣ, ки аз ҷониби мақомоти гумрук, мақомоти давлатии идораи амволи давлатӣ ва шахсони дигар масраф мегардад, пешбинӣ шудааст.

3. Дар бандҳои 3, 4, 5 ва 6 лоиҳа маҳдудиятҳо барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобаста ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид

накардани молу воситаҳое нақлиётие, ки воридаташон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумуҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст, инчунин ҳангоми мавҷуд набудани имконияти баровардан ё фавран набаровардан, молҳои мазкур дар анбори гумрукӣ дар муҳлати се шабонарӯз нигоҳ дошта мешаванд, пешбинӣ гардидааст.

4. Дар натиҷаи амалишавии лоиҳа барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои беасос мушоҳида намегарданд.

5. Роҳи интихобшуда барои ҳалли мушкилот асоснок буда, лоиҳаи мазкур қоидаҳо ва расмиёти ихтиёрдорӣ намудани молу воситаҳои нақлиёти муҳлати нигоҳдориашон гузашта ва далелҳои шайъии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, инчунин тартиби ба соҳиби қонунӣ пардохтани маблағи аз фурӯши молу воситаҳои нақлиёт бадастомадаро, ки ба моликияти давлатӣ гузаронида нашудаанд, муайян менамояд.

6. Иловатан пешниҳод мегардад:

1) Дар тамоми матни лоиҳа калимаҳои “нигаҳдорӣ” ва “нигаҳдориаш” ба калимаҳои “нигоҳдорӣ” ва “нигоҳдориаш” иваз карда шаванд.

2) Дар банди 8 лоиҳа пеш аз калимаи “дахлдор” калимаи “”мақом” ба калимаи “мақомоти” иваз карда шавад.

3) Банди 11 лоиҳа хориҷ карда шавад, зеро он такрори банди 10 мебошад.

4) Дар матни забони русии лоиҳа хатогиҳои грамматикӣ бартараф карда шаванд.

5) Матни забони тоҷикии лоиҳа ба матни забони русии он мутобиқ карда шавад.

6) Дар банди 23 лоиҳа калимаи “граждании” ба калимаи “мадании” иваз карда шавад.

Директор Саидзода И.Ҳ.